Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ - ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Аз таърихи ғании миллати тоҷик чунин бармеояд, ки тоҷикон аз ҷумлаи халкиятҳои бофазлу хирадманде будаанд, ки пайваста бахри некуаҳволии мардум талош варзида, аз рӯи ченаки акл ва адл амал мекарданд ва мекӯшиданд, то адолат дар ҷомеа ҳукмрон бошад, ки намунаи возеҳи ин гуфтаҳоро метавон аз Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён пайдо кард.

Тоҷикон асолати миллӣ ва таърихии худро аз даст надода, 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалкӣ Конститутсияи худро қабул карданд ва дар дебочаи он мукаррар намуданд, ки мо дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда масъулият ва вазифадор ҳастем. Ин бозгӯкунандаи арҷгузорӣ ба насли гузашта, имрӯза ва ояндаи миллат буда, ба ҳар фарди соҳибватан масъулият ва вазифаи баланди инсониву шаҳрвандиро вогузор менамояд.

Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар доираи диссертатсияи илмии худ таҳти мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳкикоти таърихӣ - ҳуқуқӣ» тавониста, ки масъулият ва вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда то ҳадди имкон ба иҷро

расонад. Унвонҷӯ кори илмии худро аз омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии пайдоиш ва таснифи меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён мавриди баррасӣ қарор додааст, инчунин дар фарҷом хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро ба миён гузоштааст, ки метавонанд барои насли ояндаи миллат комгорӣ ба бор оваранд.

Анҷом додани тадқиқоти илмӣ аз ҷониби Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар самти мазкур замина фароҳам меорад то мушкилоти ифшонагардида ба таври илмӣ роҳи ҳалли худро ёбад ва дар ташаккули илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат намоянд.

Дар автореферати диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович Қонунномаи Сосониён мавриди таҳлили пурраи илмӣ – назариявӣ қарор дода шудааст. Инчунин, дар он унвонҷӯ асосҳои методологию назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян намудааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбат мебошад.

Ҳамаи нуқтаҳои ба ҳимоя пешкашнамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович муҳим, воқеӣ ва саривақтӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошанд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Айни замон тадқиқоти Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович аз нуқтаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест:**

Дар қатори дастовардҳои мусбат ва илман асосноки рисолаи тақризшаванда аз нигоҳи мо баъзе ҳолатҳои баҳсноке низ ҷой доранд, ки

дар ҷараёни ҳимоя аз ҷониби муаллиф асосноксозиро талаб менамоянд, чунончи:

Дар навгонии 8-ум, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда дар Қонунномаи Сосониён бахшида шудааст, муаллиф нишон надодааст, ки кадом аз меъёрҳои дар Қонуннома ба меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда тааллуқ доранд. Агар муаллиф меъёрҳои ҳуқуқи манъкунандаро номбар менамуд, мавқеи ӯ боз ҳам асоснок ва мустанад мегардид.

Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Рисолаи илмии пешниҳоднамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович бо замони илмии тоҷикӣ навишта шуда, хеле равон ва оммафаҳм аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи омоданамудаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ - ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи ҳамаи талаботҳо буда, ҳамчун тадқиқоти бaанҷомрасида ва нави илмӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Он мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, минбаъд аз ҷониби олимону муҳаққиқони ҷавон ва кормандони мақомоти давлатӣ дар таҷриба ба таври васеъ истифода хоҳад шуд.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Вализода Саёҳат